# ҶАҲОЛАТ ВА ХУРОФОТ – САРЧАШМАИ ТЕРРОРИЗМ

Боиси таассуф аст, ки имрӯзҳо терроризм ва экстремизм чун вабои аср дар саросари олами муосир реша давонда, фазои орому осоишта ва пешрафту тараққиёти ҷомеаи ҷаҳониро дар пешорӯи хатар қарор додааст. Дар робита ба маҳву пешгирии чунин даҳшати оламгир мардуми сулҳофарину созанда ва ваҳдатгарову тараққипарвари Тоҷикистони соҳибистиқлоламон бо ҳидояти хирадмандонаи Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мубориза бемон бурда, ҳамзамон амалҳои нангину нафратзои хоинони Ватан ва душманони миллатро, ки ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунии диниву экстремистӣ шомил гашта, ба амнияту ободӣ ва равнақу шукуфоии Ватани азизамон кӯрнамакӣ зоҳир менамоянд, сахт маҳкум менамояд.

Воқеият собит менамояд, ки дар ангезаи амалҳои ифротӣ инсонро таассуб ва ҷаҳолат раҳнамоӣ дошта, хурофот ва гуногунфаҳмии маъвизаву фармудаҳои дини мубини ислом сарчашмагузорӣ менамояд. Ва дар ҳақиқат, решаю аломатҳои пайдошавии ифротгароӣ ва ба истилоҳ экстремизми динӣ-мазҳабӣ, қабл аз ҳама, дар бемаърифативу камсаводӣ, зудбовариву сустиродагӣ зоҳир мегардад. Имрӯз ҳодисаҳои мудҳише, ки дар рушду такомули пешрафту тараққиёти сохтори давлатдории ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷониби гурӯҳҳои ифротгаро чашмрас аст, ки ин ҳам бошад боиси бар асари ваҳшиёна ба қатл расонидани ҳазорҳо кӯдакони поку бегуноҳ, таълимдиҳандагони муассисаҳои таълимӣ, таркишҳои мудҳиш дар масҷидҳою бозорҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ баҳри ҷиҳод гуфта ба ҷони чандин афроди ҷомеаи бегуноҳ, ки яке ба кор рафтаю дигаре ба таълиму тадрис, дигаре ба харид омадаю дигаре аз кор равон аст, инҳо ҳама ифодагари камоли бехирадиву нокасӣ, ношукрӣ ба нону намаки дастурхон ва обу хоки аҷдодии як қатор исломтарошони беимону баддил аст. Оё ин аст асолати мусулмонӣ, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш оварда боиси миллионҳо хисороти молию ҳазорҳо хисороти ҷонӣ гаштааст.

Ин падидаҳои ногусастанӣ шояд дар ҷумҳурии мо воқеан чашмрас набошад, аммо амалҳои ифротгароёнаи экстремистии наҳзатҳои исломии мамолики хориҷ дар тарбияи ахлоқии ҷавонон таъсири манфӣ мерасонад. Ба андешаи мо мусулмони ҳақиқӣ шахсест, ки аз амалҳои хурофотпарастӣ, ифротгароӣ ва ғайридинӣ

даст кашида, барои ободии давлат бо ҳисси баланди ватандустӣ оид ба беҳдошти вазъи иқтисодию иҷтимоии аҳолӣ амал намуда, тинҷию оромиши ҷомеаро мехоҳад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари раводиди мусбату муътадил ва табиии ҳаёти динӣ-маънавӣ, инчунин зуҳуроти манфӣ ва номатлуби ғояҳои ифротгароӣ, ки асосан аз хориҷи кишвар ворид мешавад, дар фаъолияти баъзе созмону ниҳодҳо, ҳизбу гурӯҳҳо таъсири муайян расонданд.

Бинобар ин ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳисси ватандустӣ, меҳанпарастӣ, худшиносӣ, хештаншиносӣ ва инсондӯстӣ танҳо қувваҳое мебошанд, ки дар муқобили терроризм ва экстремизм метавонад истодагарӣ намояд. Зеро дар даврони ҷаҳонишавии босуръат ба хотири ҳифзи Истиқлоли миллӣ ва расидан ба қуллаҳои баланди давлатдорӣ ҳар як фарди ҷомеа мувофиқи кору омоли хеш муваззаф ва масъул аст, ки асолати миллӣ ва амну суботи кишвар ва дастоварду арзишҳои фарҳангии хешро пуштибонӣ ва ҳимоят кунанд.

Хулоса, ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз он, ки дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шомил шудан ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ҷазоҳои ҷиноятӣ дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар карда шудааст, шумораи содиркунандагони ҷиноят коҳиш намеёбад. Аз ин рӯ бояд ҷазоҳои ҷиноятӣ, барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистӣ дошта, бояд пурзӯр карда шавад ва шахсони бо ҷурми ин ҷиноятҳо маҳкум гардида, зери назорати махсуси мақомоти иҷрои ҷазо қарор гирад. Имрӯз мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва шомилшавии ноболиғон ва ҷавонон вазифаи дастаҷамъонаи тамоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шаҳрвандони кишвар ба шумор меравад. Бетарафӣ нисбати ин падидаи номатлуб, барои рушди минбаъдаи кишвар хатари ҷиддӣ ворид намуда, ба ваҳдати миллӣ, истиқлолияти давлатӣ ва бехатарии кишвар таҳдид менамояд. Мо шаҳрвандони Тоҷикистон бояд шукрона кунем ва ба ватани худ содиқона ҳизмат намоем. Ватани худро дӯст дорем ва ҳамеша кӯшиш кунем, ки фарзандони фарзонаи миллат бошем.

**Шарифзода Ҷ.А., корманди**

**ДМТ**